Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 сентябри соли 2025, № 516

## Стратегияи рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

### 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Стратегияи рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (минбаъд – **Стратегия**) бо мақсади тақвият бахшидани низоми тайёрии касбии аҳолии қобили меҳнат, рушди таълими касбӣ бо роҳи додани маҳорату малакаи ба стандартҳои тахассусӣ мутобиқ, омода намудани захираҳои меҳнатии ба талаботи бозори дохил ва хориҷи кишвар зарурӣ, фароҳам овардани шароит барои ҳунаромӯзӣ ва таъмин намудани аҳолӣ ба шуғли пурмаҳсул аз ҳисоби ҷавонон, занону духтарон, муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳрвандони бешуғл, маъюбон, калонсолон ва табақаҳои дигари осебпазир, беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ ва таълимию методии соҳаҳои ҳунармандӣ ва рушди малакаҳои касбии муосир, баланд бардоштани дониш ва маҳорати касбии омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ тавассути усулҳои муосири таълим, ҷорӣ намудани расмиёти баҳодиҳӣ ва таҳияи стандартҳои салоҳият мувофиқи талаботи корфармоён, таъмини самаранокии кадрии соҳа, рушди ҳамкорӣ бо шарикони минтақавӣ ва байналмилалӣ бодарназардошти зарурати мутобиқшавӣ ба тағйироти босуръати ҷаҳонӣ, инчунин вусъат додани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оид ба ҷалби шаҳрвандон ба гирифтани касбу ҳунар бо мақсади ҳифзи мероси фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҳия шудааст.

2.Дар давраи ҳозира ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир барои таъмини рушди устувори ҷомеа, рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва шуғли пурмаҳсул, ки манбаи устувори даромад ва ҳам бо кор таъмин гардидани аҳолии қобили меҳнат мегардад, аҳаммияти муҳим дорад. Гузариш ба технологияҳои нави истеҳсолӣ, хизматрасониҳои электронӣ ва вусъати ҳамкории байналмилалӣ зарурати рақамикунонии низоми касбомӯзӣ ва таҳсилоти калонсолонро, ки омили муайянкунанда дар ин соҳа мегардад, тақозо мекунад.

3.Омилҳои асосие, ки имконияти интихоби касбу ҳунар ва таҳсил, аз ҷумла инкишофи маънавӣ, фаъолияти муваффақонаи меҳнатӣ ва такомули шахсиро таъмин менамоянд, дастрасии барномаҳои таълимии дар асоси стандартҳои салоҳияти касбии ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ, инчунин мавҷудияти кадрҳои соҳибкасб ва муҳандисию омӯзгорӣ мебошанд. Ин омилҳо ба фаъолияти самарабахши низоми касбомӯзӣ, аз ҷумла ҳунармандӣ, рушди бомуваффақияти иқтисодиёт ва таъмини шуғли пурмаҳсул дар кишвар мусоидат мекунанд.

4.Амалигардонии Стратегия дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир» (минбаъд - Марказ) ва курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ бо истифода аз имкониятҳои муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин тавассути таҳсилоти касбӣ дар истеҳсолот бо иштироки корфармоён бо мақсади баланд бардоштани малака ва омодагии касбии шаҳрвандон тибқи талаботи бозор пешбинӣ шудааст.

## 2. ЗАРУРАТИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯ

5.Стратегия дар робита бо иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади соҳибкасб намудани аҳолии кишвар ва рақобатнок гардондани қувваи корӣ таҳия гардидааст.

6. Соҳибкасб намудани аҳолии кишвар асосан дар марказҳо ба роҳ монда мешавад. Таълим дар ин марказҳо мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, ҳар сол дар онҳо фаро гирифтани на кам аз 120 ҳазор нафар таъмин мегардад. Дар панҷ соли оянда дар Марказ ва дигар муассисаҳои таълимии касбомӯзӣ беш аз як миллион шаҳрвандон бояд ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шаванд.

7. Рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир барои пешравии устувори ҷомеа, таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва шуғли пурмаҳсул, ки манбаи устувори даромад ва ҳам ба кор таъмин гардидани аҳолии қобили меҳнат мегардад, аҳаммияти муҳим дорад. Гузариш ба технологияҳои нави истеҳсолӣ, хизматрасониҳои электронӣ ва вусъати ҳамкориҳои байналмилалӣ зарурати рақамикунонии низоми таҳсилоти калонсолонро, ки омили муайянкунандаи соҳа мегардад, тақозо мекунад, аз ҷумла:

- зарурати такмили методологияи малакакунонӣ ва ба номгӯйи касбу ихтисосҳо илова намудани касбҳои дорои талабот дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ;

- дар ҳамаи филиалҳои Марказ ва марказҳои ҳунармандӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба таври ҳатмӣ ҷорӣ намудани низоми нави таълим дар асоси стандартҳои салоҳияти касб ва барномаҳои таълимии модулӣ;

- марҳила ба марҳила ба хизматрасониҳои электронӣ ва рақамикунонӣ гузаштани низоми бақайдгирӣ ва фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар марказҳои таълимии сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Вазорат) низ дар таҳияи Стратегия бояд ба назар гирифта шаванд;

- дар низоми касбомӯзии шаҳрвандон зарурати бозбинӣ намудани сохтори идоракунии Марказ, инчунин омодакунӣ ва бозомӯзии кадрӣ бо дастгирии буҷети давлатӣ ва ҷалби шарикони рушд, аз ҷумла таъсиси сохтори амаликундаи сиёсати давлатии касбомӯзӣ ва ҳунармандӣ ҳамчун зерсохтори алоҳида дар тобеияти бевоситаи Вазорат;

- ҷорӣ намудани низоми нави арзёбии салоҳиятҳои касбомӯзон;

- ташкили тренингҳо ва семинарҳо барои кормандони муассисаҳои таълимӣ, омода намудани ҳисобот оид ба худбаҳодиҳӣ ва ғайра;

- таҳкимӣ ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ. Ин ҳамкорӣ метавонад бо ташкили курсҳои махсус барои шуғли фосилавӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ роҳандозӣ шаванд. Роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва амалҳои вобаста ба ҳалли мушкилоти дигар соҳа дар доираи Стратегия имконпазир мебошанд.

8. Хусусияти муҳимтарини Стратегия аз муайян намудани мақсаду вазифаҳо ва роҳу воситаҳои ба онҳо ноил гаштан, бодарназардошти таҳлили тағйироти сохторӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва молиявие, ки дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба вуҷуд омадаанд, иборат мебошад.

9. Стратегия ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо барои мавқеи устувори касбомӯзон дар таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон ва ҳалли масоили муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла

шуғли аҳолӣ ва бамаротиб паст кардани сатҳи камбизоатӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

10. Ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти босифат дар муассисаҳои таълимии сохтори Вазорат ва таъмини дастрас будани онҳо барои ҳамаи касбомӯзон имкон медиҳад, ки иқтисодиёти кишвар бо кормандони босалоҳият дар асоси инфрасохтор ва технологияҳои муосиру инноватсионӣ асосёфта таъмин гардад. Низоми таҳсилоти нав бояд аз нигоҳи иқтисодӣ устувор бошад ва ба стандартҳои низоми таҳсилоти пешрафтаи ҷаҳонӣ ва низоми байналмилалии арзёбии сифат мувофиқат кунад.

## 3. ТАҲЛИЛИ УМУМИИ ВАЗЪИ РУШДИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАЛАКАҲОИ КАСБИИ МУОСИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### §1. Таҳлили вазъи ҳунарҳои мардумӣ ва малакаҳои касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

11. Вазорат ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ барои амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти рушди ҳунарҳои мардумӣ ва малакаҳои касбӣ муайян гардида, ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони алоҳида ва соҳибкорону ҳунармандон мебошад.

12. Марказ ва 38 филиали он амалигардонии Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба касбомӯзиро таъмин карда, дар маҷмуъ 700 ҳазор шаҳрвандро ба касбомӯзӣ (аз рӯйи қариб 100 касб) ва забономӯзӣ фаро гирифтанд.

13. Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва бо дастгирии шарикони рушд, шахсони алоҳида таъмиру азнавсозӣ, таҷҳизонидани Марказ ва филиалҳои он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар амалӣ гардида, бодарназардошти талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ касбҳои нав, инчунин омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз қабили русӣ, англисӣ ва кореягӣ ҷорӣ гардида, раванди ҳунаромӯзӣ ва ҳунармандӣ рушд карда истодааст.

14. Солҳои 2023-2024 дар доираи маблағгузорӣ ва амалисозии лоиҳаҳои шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалӣ таъмиру азнавсозӣ ва таҷҳизонии зиёда аз 11 филиали Марказ роҳандозӣ гардида, заминаи моддию техникии Марказ ва филиалҳои он беҳтар шуда, малакаи касбии кормандони Марказ баланд бардошта шудааст. Дар маҷмуъ 51 стандарти салоҳияти касбӣ, 31 барномаи модулии таълимӣ ва маводди таълимӣ мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардиданд.

15. Соли 2024 аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва саҳмгузории шарикони рушд 2 маркази рушди малакаҳо ва 2 маркази касбомӯзию хизматрасонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, дар соли 2025 таъсиси зиёда аз 10 филиали нав дар шаҳру ноҳияҳои кишвар пешбинӣ шудааст, ки дар маҷмуъ иқтидори солонаи ба касбомӯзӣ фаро гирифтани Марказ то 20 дарсади дигар меафзояд. Дар марказҳои номбурда касбомӯзию забономӯзӣ дар доираи курсҳои кутоҳмуддат бо усули таҳсил дар асоси салоҳият бодарназардошти пешниҳоди шаҳодатномаи стандарти байналмилалӣ роҳандозӣ мегардад.

16. Дар баробари аз ҳисоби маблағҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба касбомӯзӣ ҷалб намудани шаҳрвандони бекор ва корҷӯ, ҳамчунин касбомӯзию забономӯзӣ аз ҳисоби худи шунавандагони курсҳои кутоҳмуддат сурат мегирад. Таҷриба нишон

медиҳад, ки нақшаи бо усули худмаблағгузорӣ фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзию забономӯзӣ дар Марказ ва филиалҳои он ҳамагӣ аз 40 то 60 дарсад таъмин мегардад ва чораҳои бартараф намудани ин омил бояд ба таври дақиқу возеҳ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шавад. Тибқи маълумот имрӯз дар 20 шаҳру ноҳияи кишвар филиалҳои Марказ мавҷуд нестанд.

17. Дар Марказ ва филилаҳои он шаҳрвандони бекор ва корҷӯ, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ имконият доранд, ки малакаҳои касбии худро бо шаҳодатнома тасдиқ намоянд. Бо сабаби мавҷуд набудани заминаи моддию техникии дахлдор ва методологияи мукаммали санҷиши донишу малакаи шаҳрвандон, дар баъзе ҳолатҳо тасдиқи малака (валидатсия) ба таври дахлдор сурат нагирифта, зарурати такмили методологияи тахассус ва ба номгӯйи касбу ихтисосҳо илова намудани касбу ихтисосҳои дорои талабот дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ҷой дорад.

18. Дар Марказ ва филиалҳои он то айни замон таълим бо усули анъанавӣ роҳандозӣ гардида, ҷиҳати мутобиқ намудани сатҳи касбияти шаҳрвандони ба касбомӯзию забономӯзӣ фаро гирифта шуда, ба стандартҳои байналмилалӣ зарурати ҷорӣ намудани методологияи таълим дар асоси салоҳият ҷой дорад. Дар робита ба ин, дар доираи лоиҳаҳои Бонки Осиёии Рушд ва Иттиҳоди Аврупо стандартҳои салоҳияти 51 касбу ихтисос ва барномаҳои таълимии модулӣ омода гардида, дар филиалҳои пилотии интихобшуда дар давоми солҳои 2025-2026 ҷорӣ карда мешаванд. Ин амал бояд дар Марказ ва ҳамаи филиалҳои он ба таври ҳатмӣ ба роҳ монда шавад.

19. Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардида, соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар марҳила ба марҳила ба хизматрасониҳои электронӣ гузашта истодаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки низоми бақайдгирии бекорон ва пешниҳоди хизматрасониҳои соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, аз ҷумла ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бекор ва корҷӯ якҷо бо муҳоҷирони баргашта бо низоми анъанавӣ сурат мегирад. Дар доираи лоиҳаҳои амалкунандаи назди Вазорат масъалаи рақамикунонии соҳаҳои марбут ба Вазорат пешбинӣ шудааст ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда сатҳу сифати пешниҳоди хизматрасониҳоро ба шаҳрвандони бекор ва корҷӯ, аз ҷумла ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандонро метавонанд бамаротиб афзун намояд.

20. Яке аз ҳадафҳои асосии ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон ин ба кори доимӣ таъмин намудани онҳо мебошад. Тибқи маълумот пайгирии минбаъдаи хатмкунандагони курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ ва бо кор таъминшавии онҳо дар Марказ ва филиалҳои он, марказҳои касбомӯзии дигари Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба таври дахлдор роҳандозӣ намегардад. Зарур аст, ки барномаи компютерии махсус дар ин самт таҳия ва мониторинги мунтазами фаъолияти хатмкунандагони курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзию забономӯзӣ новобаста аз сарчашмаи маблағгузории курсҳо, ба роҳ монда шавад.

21. Ҳадафи дигари ба касбомӯзӣ фарогирии шаҳрвандони бекор ва корҷӯяндагон ин таъмини саривақтии талаботи бозори меҳнат ба касбҳои коргарӣ ба ҳисоб меравад. Бо сабаби ба таври мунтазам гузаронида нашудани таҳқиқоти талаботи бозори меҳнат, маълумоти дақиқ дар бораи талабот ва пешниҳодоти воқеӣ дар бозори меҳнат дастрас нест. Соли 2024 дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ (саноат, сохтмон ва сайёҳӣ) Муассисаи

давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорат нахустин пурсиши корфармоёнро гузаронид. Зарур аст, ки дар заминаи таҳқиқоти мазкур маълумот оид ба талаботи корфармоён ба касбҳои коргарии дар заминаи курсҳои кутоҳмуддат омодашаванда гирифта шуда, барои истифодаи минбаъда ба Марказ пешниҳод карда шавад. Илова ба ин, дар сохтори пажӯҳишгоҳ воҳиди сохтории алоҳида вобаста ба омода намудани маълумот дар бораи талабот ба касбу ихтисосҳои коргарӣ таъсис ва гузаронидани таҳқиқот ба таври мунтазам пешбинӣ карда шавад.

22. Интихоби касбу ҳунар дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат мегирад. Қаблан дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба истилоҳ мактабҳои миёна курсҳои таълимию истеҳсолӣ вуҷуд доштанд, ки мақсади пайвасти ҷараёни таълим бо истеҳсолот буда, бо баробари хатми таҳсил толибилмон дорои касбу ҳунари муайяне мешуданд. Айни замон тақвият бахшидани мазмуну мундариҷаи дарсҳои меҳнат ва кабомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои синфҳои 10-11 ва самаранок гардонидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ҷалби кумитаҳои падару модарон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ҷалби хатмкунандагони бешуғл ва бекор ба курсҳои кутоҳмуддат муҳим мебошад.

23. Нақши иттифоқҳои касаба ва корфармоён дар таъмини талаботи бозори меҳнат ба касбҳои коргарӣ, ба шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, аз ҷумла омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон ва ҳавасмандгардонии онҳо дар ин самт хеле муҳим мебошад. Амалигардонии чунин чораҳо бояд дар доираи амалисозии Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳои он сурат гирад. Дар соли 2023 дар назди Вазорат ду кумитаи соҳавӣ: нассоҷӣ ва сохтмон таъсис дода шуд, ки ба ҳайати онҳо намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ, иттифоқҳои касаба, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дохил гардиданд. Ҳадафи асосии онҳо мусоидат намудан дар қонеъгардонии эҳтиёҷоти бозори меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёт, ҳамоҳангсозии фаъолияти бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва саноат, такмили механизми ташкилию ҳуқуқии низоми миллии тахассусҳо дар соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии халқ мебошад. Зарур аст, ки фаъолияти ин кумитаҳои тавассути шарикии давлат ва бахши хусусӣ тақвият дода шуда, дар ин замина кумитаҳои дигар таъсис дода шаванд.

24. Омори ба курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон дар доираи муассисаҳои таълимии Вазорат ба роҳ монда шудааст. Дар навбати худ, мушкилоти ҷамъоварии омори пурра, бахусус аз бахши хусусӣ ва муассисаҳои таълимии дигар вазорату идораҳо ҷой дорад. Бо мақсади пешбурди сиёсати ягона ва арзёбии маҷмуии ба касбомӯзию забономӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандони кишвар, якҷо бо Вазорат бояд низоми ягонаи ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва модули ягонаи электронии дахлдор тавассути истифодаи платформаи рақамӣ таъсис дода шавад.

25. Ба вазифаҳои Марказ дар баробари ба роҳ мондани касбомӯзии шаҳрвандон, инчунин пешбурди соҳаи ҳунармандӣ низ вогузор шудааст. Аз ин рӯ, бо дарназардошти тақвияти минбаъдаи фаъолияти Марказ, бо ба инобат гирифтани ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ дар низоми касбомӯзии шаҳрвандон, зарурати бозбинӣ намудани сохтори идоракунии Марказ ва низоми омодакунӣ ва бозомӯзии малакаи кадрӣ, бо дастгирии буҷети давлатӣ ва ҷалби шарикони рушд, аз ҷумла таъсиси сохтори амаликунандаи сиёсати давлатии касбомӯзӣ ва ҳунармандӣ ҳамчун зерсохтори алоҳида дар тобеияти бевоситаи Вазорат ҷой дорад.

## §2. Шуғли фосилавӣ: вазъи ҷорӣ ва мушкилоти мавҷуда

26. Шуғли фосилавӣ дар шароити муосир ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимми меҳнат шинохта мешавад. Бо рушди технологияҳои иттилоотию ва коммуникатсионӣ ин намуди шуғл, махсусан барои шаҳрвандоне, ки дар минтақаҳои дурдаст кору фаъолият мекунанд, имкониятҳои васеъ фароҳам месозад. Воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла интернет ва платформаҳои рақамӣ дар ин раванд нақши калидӣ доранд. Онҳо ба шаҳрвандон имконият медиҳанд, ки бе маҳдудияти ҷуғрофӣ ба шуғл дастрасӣ дошта бошанд, малакаҳои худро такмил диҳанд ва дар бозори меҳнат фаъолона иштирок намоянд.

27. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба шуғли фосилавӣ ҷалб намудани аҳолии кишвар, бахусус занону духтарон, ҷавонон ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд ва пиронсолон, аз соли 2022 то инҷониб панҷ маркази омӯзишӣ барои минбаъд ба шуғли фосилавӣ фаро гирифтани шаҳрвандон дар заминаи муассисаҳои дорои шакли моликияти гуногун ва тобеияти идоравӣ таъсис дода шуданд. Тибқи омори расмӣ то ба имрӯз ҳамагӣ зиёда аз 3,5 ҳазор шаҳрвандони кишвар ба чунин омӯзиш фаро гирифта шуда, қариб 30 дарсади онҳо ба шуғли фосилавӣ ҷалб карда шудаанд, ки ин нишондод қаноатмандкунанда набуда, мушкилот ва монеаҳо барои рушди ин усули нави омӯзиш ва шуғли муосир ҷой доранд.

28. Дар низоми қонунгузории кишвар мафҳуми «шуғли фосилавӣ» бояд таҷассум гардида, мақоми ягонаи ваколатдори давлатии он муайян карда шавад.

29. Мавҷуд набудани интернети босифат, махсусан дар ноҳияҳои дурдаст яке аз мушкилоти ҳалталаб дар ин самт боқӣ мемонад. Илова бар ин, таҳқиқот нишон медиҳад, ки қисми зиёди шаҳрвандон дар истифодаи технологияҳои рақамӣ малакаҳои кофӣ надоранд, ки ин ҳолат имкониятҳои шуғли фосилавиро маҳдуд месозад.

30. Барои рафъи ин мушкилот ташкили платформаҳои омӯзишӣ, гузаронидани курсҳои махсус оид ба шуғли фосилавӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ муҳим мебошанд. Омӯзгорон бояд бо усулҳои таълими рақамӣ шинос бошанд ва ба шаҳрвандон малакаҳои заруриро омӯзонанд. Пешбурди корҳои маърифатию фаҳмондадиҳӣ низ метавонад ба баланд бардоштани огоҳӣ ва ҳавасмандии аҳолӣ дар истифодаи технологияҳои муосир мусоидат кунад. Ҳалли ин масъалаҳо таҳия ва амалишавии ҳуҷҷати стратегиро тақозо мекунад.

## §3. Дастгирии эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, мушкилоти мавҷуда ва имкониятҳо

31. Ҳунарҳои мардумӣ на танҳо як ҷузъи муҳимми мероси фарҳангии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, балки барои пешниҳоди ҷойҳои корӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ нақши калидӣ дорад. Дар соли 2024 ҳаҷми умумии фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ ба зиёда аз 100 млн. сомонӣ расид ва тибқи арзёбиҳо 65 дарсади он дар бозорҳои дохилӣ ва 35 дарсади он ба содирот равона шудааст.

32. Бо мақсади тақвият додани рушди соҳаи ҳунармандӣ Барномаи рушди ҳунармандӣ барои солҳои 2021-2025 тасдиқ ва амалӣ мегардад. Айни замон дар кишвар зиёда аз 20 ҳазор нафар ҳунармандони истеҳсолӣ ба қайд гирифта шуда, дар се соли охир шумораи онҳо қариб 3 баробар афзудааст. Тиқби муқаррароти қонунгузорӣ фаъолияти ҳунармандони истеҳсолӣ дар 12 соҳа аз рӯйи 167 намуд андозбандӣ намешаванд, ки ба рушди ҳамасолаи соҳа заминаи мусоид фароҳам месозад.

33. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2024, №73 ҷудо кардани грантҳои президентӣ ба ҳунармандон барои солҳои 2024-2026 дар ҳаҷми 1,5 млн. сомонӣ ба андозаи миёнаи 25 ҳазор сомонӣ барои як ҳунарманд ба тавсиб расид. Дар ин асос ба 20 ҳунарманд аз шаҳру ноҳияҳои кишвар ба маблағи 500 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба занони ҳунарманд ҳамасола грантҳои хурд ба андозаи то 30 ҳазор сомонӣ ҷудо менамояд, ки барои таҳкими заминаи моддии ҳунармандӣ, эҳё ва ҳифзи ҳунарҳои мардумӣ, инчунин ҳавасмандсозии шаҳрвандони дигар ва ҷалби онҳо ба ҳунармандӣ мусоидат менамояд.

34. Новобаста аз тамоюли нисбии соҳаи ҳунармандӣ дар солҳои охир, як қатор мушкилоту монеаҳо мавҷуд ҳастанд. Яке аз мушкилиҳои асосӣ ин набудани бозорҳои устувор барои фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ мебошад. Тақрибан 70 дарсади ҳунармандон изҳор медоранд, ки барои фурӯши маҳсулоти худ шароити муносиб надоранд. Ин ба зарурати рушди инфрасохтори бозор, ташкили намоишгоҳҳо ва тақвияти ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор ишора менамояд.

35. Тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати сари вақт ҷудо намудани ҷойҳои махсус, аз ҷумла дӯкон ва растаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ вазифадор бошанд ҳам, аммо ба истиснои баъзе шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Истаравшан амалисозии ин тадбирҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардид. Дар маҷмуъ вазъи муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди соҳа беҳбудии амиқро тақозо менамояд.

36. Дар доираи Барномаи рушди ҳунармандӣ барои солҳои 2021-2025 Шурои ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Дар ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор шакли ҳисоботи омории дахлдор таҳия ва дар соли 2024 ҷорӣ карда шуд. Таҳлили маълумот аз он шаҳодат медиҳад, ки таъсиси низоми ҷамъоварии маълумоти оморӣ вобаста ба соҳа номукаммал, малакаи масъулини соҳа барои ҷамъоварии маълумот кофӣ набуда, ба омодакунӣ ва бозомӯзӣ ниёз дорад.

37. Барои муаррифии ҳунарҳои мардумӣ ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ сомонаи алоҳида ҳамчун воситаи муосиру осон маҳсуб ёфта, дар назди Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ташкил гардида буд. Бо гузашти фосилаи начандон кутоҳ амали ин сомона қатъ гардид. Айни замон зарурати пешбурди фаъолияти босамари ин сомона, ба хусус ташкил намудани сомонаи дигари дахлдор аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ муҳим мебошад.

38. Дар доираи амалисозии Барномаи рушди ҳунармандӣ барои солҳои 2021-2025 соли 2022 дар дастгоҳи марказии Вазорат шуъбаи таълими калонсолон ва рушди ҳунармандӣ (бо 4 воҳиди корӣ), дар назди Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» як бахш (бо 2 воҳиди корӣ) ва 44 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (88 воҳиди корӣ) барои пешбурди соҳаи ҳунармандӣ бо маблағгузории буҷети давлатӣ таъсис дода шуданд. Солҳои 2023-2024 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии номбурда бо 88 воҳиди корӣ (95,6 дарсади воҳидҳои мавҷуда) ба тобеияти Кумитаи навтаъсис оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

39. Зимнан, дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муассисаҳои гуногун дар шакли мактабҳои рушду эҳёи ҳунармандӣ, марказҳои рушди атласу адрасбофӣ ва дигар шакли муассисаҳои ҳунарҳои мардумӣ таъсис дода шуда, фаъолият доранд, аммо,

ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба соҳаи ҳунармандӣ ҳисоботдиҳанда намебошанд. Ба Кумитаи болозикр гузаронидани воҳидҳои кории марбут ба самти ҳунармандӣ ва набудани механизми ягонаи баҳисоботгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ барои таъмини раванди босамари идоракунии бонизоми соҳа монеаҳои зиёд эҷод карда истодаанд. Бо мақсади таъсиси низоми босамари идоракунии соҳаи ҳунармандӣ ва таъмини пешбурди самараноки сиёсати давлатӣ дар ин самт ба Марказ баргардонидани 88 воҳиди корӣ аз муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва ба расмият даровардани механизми фаъолияти мутақобилаи муассисаҳои тобеи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ бо Маркази мазкур мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

40. Мушкилоти мавҷуда дар самти ривоҷи ҳунарҳои мардумӣ ва ҳунаромӯзӣ, аз ҷумла норасоии технологияҳои замонавӣ ва таҷҳизоти лозимӣ барои пешбурди самараноки ин соҳа, монеаҳо эҷод менамоянд. Аз ин лиҳоз, таҳкими шарикӣ миёни давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ташкили намоишгоҳҳо, ҷорӣ намудани курсҳои омӯзишӣ барои ҳунармандон ва истифодаи технологияҳои муосир метавонанд ба рушди устувори ҳунарҳои мардумӣ мусоидат кунанд. Ғайр аз ин, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ташкили шароити мусоид барои содироти маҳсулоти ҳунармандӣ низ аҳаммияти калон дорад.

## 4. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

41. Стратегия бо мақсади фароҳам овардани шароити мувофиқ барои рушди таълими калонсолон тибқи низоми нави таълим дар асоси стандартҳои салоҳият омода намудани захираҳои меҳнатии ба талаботи бозори дохил ва хориҷи кишвар ҷавобгӯ, рушд ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, фароҳам овардани шароит ба ҳунаромӯзӣ ва ба ин васила таъмин намудани аҳолӣ ба шуғли пурмаҳсул, вусъат додани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бо ҷалби шаҳрвандон бо гирифтани касбу ҳунар бо мақсади ҳифзи мероси фарҳангӣ ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

42. Мақсади ба вуҷуд овардани чунин низоми таълими босифат ва дастрас барои ҳамаи шаҳрвандон дар тӯли ҳаёт аз таъмини соҳаҳои иқтисодиёти кишвар бо кормандони босалоҳият мутобиқ ба инфрасохтор ва технологияҳои муосиру инноватсионӣ асосёфта иборат аст. Низоми таълими калонсолон ва рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи иқтисодӣ устувор ва ба стандартҳои низоми таълим ва низоми байналмилалии арзёбии сифат мувофиқат кунад.

43. Айни замон таълими калонсолон ва ҳунарҳои мардумӣ барои рушди устувори ҷомеа, гузариш ба технологияҳои нави истеҳсолӣ, хизматрасониҳои электронӣ ва вусъати ҳамкориҳои байналмилалӣ зарурати рақамикунонии низоми рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир, ки омили муайянкунандаи соҳа мегардад, пешбинӣ мешавад.

44. Стратегия дар заминаи Марказ ва курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ бо истифода аз имкониятҳои муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин таълими касбӣ дар истеҳсолот бо иштироки корфармоён, бо мақсади баланд бардоштани малака ва омодагии касбии шаҳрвандон барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнатро пешбинӣ менамояд.

45. Стратегия ба бартариҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфтаанд, асос ёфта, ба мақсад ва вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор барои давраи то соли

2030 мутобиқат мекунад. Вазифаҳои банақшагирии стратегӣ аз муайян кардани чорабиниҳои калидӣ ва афзалиятноки раванди ислоҳот тавассути мушаххас намудани имконият ва мушкилот дар партави дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ иборат мебошад.

46. Стратегия ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон ва ҳунарҳои мардумӣ буда, мақсад ва вазифаҳои дарозмуҳлат, тамоюл ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи таҳсилоти касбӣ ва рушди ҳунармандиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Таваҷҷуҳи бештар ба сифати таълим, инчунин малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳое зоҳир мегардад, ки ҷавонон ва калонсолон дар ҷараёни таълим ба даст меоранд. Дар замони муосир дастовардҳои шахсии ҳар як шаҳрванд ба қобилияти мутобиқшавии ӯ ба дигаргуниҳо ва донишомӯзии доимии ӯ вобаста аст.

47. Стратегия таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои замонавӣ ва малакаҳои касбӣ, курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро бо истифода аз имконоти муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин касбомӯзӣ дар истеҳсолот бо иштироки корфармоён бо мақсади баланд бардоштани тахассус ва омодагии касбии шаҳрвандон ба қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат пешбинӣ менамояд.

48. Вазифаҳои калидии Стратегия чунинанд:

- таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир барои ҳама дар тӯли ҳаёт;

- баланд бардоштани сифати таълим ва рушди ҳунарҳои мардумӣ;

- таҳкими низоми самараноки идораи соҳаи таълим ва рушди ҳунарҳои мардумӣ;

- таъсис додани муассисаҳои таълимии бехатар ва аз лиҳози иҷтимоӣ фарогир бо назардошти сиёсати миллии идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ва маҳаллӣ;

- ҷорӣ намудани навовариҳои техникию технологӣ дар рушди соҳаи ҳунарҳои мардумӣ;

- фароҳам овардани муҳити мусоид ҷиҳати фарогирии васеи корхонаҳо ва корфармоён ба ҳаракати амалисозии дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва технологияҳои муосир;

- беҳтар кардани сатҳи маърифат ва омодагии касбӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла калонсолон, занон, ҷавонон, шахсони дорои имконияти маҳдуд, инчунин муҳоҷирони меҳнатӣ;

- беҳтар намудани дастрасии шахсоне, ки дар таҳсил ба мушкилот дучор шудаанд ё дорои талаботи махсуси таълимӣ мебошанд, ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ;

- ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мунтазами омӯзгорон, роҳбарият ва кормандони дигари марказҳои рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир дар самти таҳсилоти фарогир;

- аз ҳисоби маблағҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандони расман бекор ва ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои ба кор таъмин намудани муроҷиаткунандаҳо;

- ҷалби шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ дар таъмини маблағгузорӣ, таҳияи стандартҳои байналмилалӣ ва ташкили курсҳо ва тренингҳои касбӣ;

- бо дастгирии буҷети давлатӣ, шарикони рушд ва шахсони алоҳида таъмиру азнавсозӣ ва таҷҳизонидани Марказ ва филиалҳои он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ва дигар муассисаҳои таълимӣ бо дар назар доштани талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ, ҷорӣ намудани касбҳои нави муосир, инчунин омӯзиши забонҳои хориҷӣ;

- дар марказ ва филиалҳои он роҳандозӣ намудани методологияи таълим дар асоси салоҳият;

- таъмини саривақтии қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ба касбҳои коргарии ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ҷавобгӯ;

- ҳамкорӣ бо иттифоқҳои касаба ва корфармоён барои таъмини талаботи бозори меҳнат ба касбҳои коргарӣ, ба шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолии кишвар, аз ҷумла омодакунӣ ва бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон;

- такмили механизмҳои робита, ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории байни марказҳои рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир ва корфармоёни дохиливу хориҷӣ бо мақсади ҷалби шаҳрвандон ба касбомӯзӣ ва ҳунаромӯзӣ ва ба ин васила бокортаъминкунии онҳо;

- ҷорӣ намудани шуғли фосилавӣ барои шаҳрвандоне, ки дар минтақаҳои дурдаст кору фаъолият мекунанд;

- ташкили касбу ҳунарҳои нав оид ба масъалаҳои иқтисоди «сабз» дар муассисаҳои таълимӣ;

- фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди иқтисоди маҳаллӣ ва пешниҳоди ҷойҳои корӣ;

- муҳайё намудани бозорҳои устувор ва нуқтаҳои савдо, растаҳои фурӯши маҳсулот, фароҳам овардани шароит барои тиҷорат;

- ташкил кардани сомонаи алоҳида ҳамчун воситаи муосиру осон барои муаррифии ҳунарҳои мардумӣ;

- ташкили намоиш ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ дар хориҷи кишвар;

- ташкил ва баргузор намудани озмунҳои касбӣ бо мақсади дастгирӣ намудани барномаҳои миёнамуҳлати рушди муассисаҳои таълимӣ;

- такмили низоми омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони муҳандисию омӯзгорӣ ва кадрҳои коргарӣ, ки қобилияти пешбурди истеҳсолотро дар шароити бозори меҳнат дошта бошанд;

- инкишоф додани инфрасохтори иттилоотии муосир дар асоси истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотиву коммуникатсионӣ;

- таъсис додани низоми ягонаи ҷамъоварии маълумоти оморӣ.

## 5. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАЛАКАҲОИ КАСБИИ МУОСИР

49. Самтҳои афзалиятноки Стратегия инҳоянд:

1) дар соҳаи рушди ҳунармандӣ:

- эҳёи намудҳои ҳунарҳои қадима;

- тақвияти иқтидори ниҳодии ҳунарҳои мардумӣ;

- ҷорӣ намудани муносибатҳои инноватсионӣ ва муосир бо мақсади маъмулгардонии ҳунарҳои мардумӣ;

- рушди шабакаи ҳунарҳои мардумӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар бо мақсади истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳа;

- ҷалби шаҳрвандон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ;

- ҷалби сармоя аз манбаъҳои дастрас барои рушди ҳунарҳои мардумӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро манъ накардааст;

2) дар соҳаи рушди малакаҳои касбии муосир:

- таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои нави салоҳияти касб;

- такмили санадҳои меъерии ҳуқуқӣ дар соҳа дар асоси санадҳои байналмилалӣ;

- ҷорӣ намудани низоми рақамии идоракунии таълими касбӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар заминаи курсҳои кутоҳмуддат;

- таҳия ва татбиқи низоми иттилоотии бозори меҳнат барои арзёбии саривақтии талабот ба кадрҳои корӣ;

- ҷорӣ намудани низоми тасдиқи тахассуси кадрҳои коргарӣ;

- ҷалби сармоя барои рушди малакаҳои муосири касбӣ.

3) Дастгирии ҳунармандӣ тавассути платформаҳои рақамӣ ва малакаҳои касбии муосири иноватсионӣ:

- марказҳои рақамии таълимӣ барои ҳунармандон;

- рушди маркетплейс ва платформаҳои электронӣ барои савдо ва таблиғи маҳсулоти ҳунармандӣ;

- ҷорӣ намудани курсҳои кутоҳмуддати рақамӣ, ки малакаҳои онлайн-кор, фурӯш, маркетинг ва навовариро дар бар мегиранд;

- дастгирии стартапҳо ва навовариҳо дар соҳаи ҳунармандӣ.

## 6. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ ВА АРЗЁБИИ ХАВФҲОИ СТРАТЕГИЯ

50. Натиҷаҳои чашмдошти Стратегия инҳоянд:

- такмил ёфтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таҳсилоти касбӣ ва ҳунарҳои мардумӣ;

- ҷорӣ гардидани механизми ҳарсолаи арзёбӣ намудани талаботи бозори меҳнат ба касбҳои коргарӣ;

- тақвият ёфтани раванди курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ дар марказҳои рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир ва фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ;

- дар марказҳои таҳсилоти иловагии ғайридавлатӣ ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба касбомузӣ;

- беҳтар кардани чорабиниҳои иттилоотӣ, тарғиботию ташвиқотӣ барои ҷалби ҷавонон ва калонсолон ба омӯзиши касб;

- тавсеаи доираи фарогирӣ ба хизматрасонии интихоби касб ва раҳнамоии касбӣ дар байни аҳолӣ;

- зиёдшавии шумораи ба муассисаҳои таълимӣ фарогирифтагон аз ҳисоби қишрҳои осебпазири аҳолӣ (маъюбон, модарони танҳо, аъзои оилаи муҳоҷирон, оилаҳои камбизоат);

- таҳияи механизми таҳлил ва арзёбии талаботи бозори меҳнат (дохилӣ ва хориҷӣ) дар ҳамкорӣ бо соҳаҳои иқтисодиёт бо мақсади муайян кардани миқдор ва номгӯи касбҳо тибқи талаботи бозори меҳнат (дохилӣ ва хориҷӣ);

- таҳияи стандартҳои салоҳият барои ҳар як касб дар асоси талаботи бозори меҳнат ва дар асоси онҳо омода намудани нақшаю барномаҳои таълимии модулӣ;

- марҳила ба марҳила вусъат додани касбомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таълимии соҳаи меҳнат;

- омодасозӣ ва ҷиҳозонидани синфхона ва озмоишгоҳҳои таълимии касбомӯзӣ тибқи талаботи таълими фарогир;

- афзоиши фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзии бахши хусусӣ;

- ташкили курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзии сайёр;

- ташкили баҳисобгирии маҷмуии омории таҳсилоти касбӣ ва курсҳои кутоҳмуддат дар сохтори муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- тавсеаи фарогирии шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон, калонсолон, занону духтарон, муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳрвандони бешуғл, маъюбон ва табақаҳои дигари осебпазири аҳолӣ ба касбомӯзӣ дар давраи амалигардонии Стратегия, афзоиши теъдоди шаҳрвандоне, ки дар бозори меҳнат мавқеъ ёфтаанд, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, таъмини эҳтиёҷоти бозори меҳнат ба мутахассисон;

- таҳияи низом (механизм)-и самараноки ташаккул, тақсимот ва истифодаи воситаҳои ғайрибуҷетӣ;

- таҳияи механизми таъмини шаффофияти ташаккул ва истифодаи воситаҳои молиявии муассисаҳои таълимӣ бодарназардошти имкониятҳои нави технологӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ;

- автоматикунонии таҳияи ҳисоботи солонаи оморӣ;

- муайян намудани нишондиҳандаҳои муҳимми самаранокӣ (аз ҷумла, нишондиҳандаҳои Стратегияи мазкур) ва пурра кардани маҳзани маълумоти низоми иттилоотии идоракунӣ;

- таълим ва бозомӯзии муттасили мутахассисони соҳа;

- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳа ва низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот;

- таъмини мақомоти идоракунӣ бо технологияҳои нави рақамӣ;

- ҷорӣ намудани шаклҳои нави ҳамкорӣ миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ;

- давра ба давра аз байн бурдани норасоии китобҳои дарсии тахассусӣ тавассути таҳия, нашр ва дастрас намудани онҳо.

51. Дурнамои нишондиҳандаҳои соҳавӣ оид ба амалисозии Стратегия тибқи замима муайян карда мешавад.

52. Ҳангоми амалисозии Стратегия дар сурати саривақт ё пурра набудани маблағгузорӣ метавонанд хавфҳо пайдо шаванд. Барои кам кардани хавфҳо ҳар сол арзёбии эҳтимолияти пайдоиши хавфҳо, муайян кардани дараҷа ва андозаи хавф гузаронида мешавад, ки воситаҳои идоракунии хавфҳо мебошанд.

## 7. ДАВРАҲОИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

53. Стратегия дар се марҳила дар асоси нақшаҳои чорабиниҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, 2031-2035 ва 2036-2040 тасдиқ мешавад, амалӣ карда мешавад.

## 8. САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ АМАЛИГАРДОНИИ СТРАТЕГИЯ

54. Маблағгузории амалисозии Стратегия дар доираи маблағҳои ҳамасола дар буҷети давлатӣ пешбинишуда ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

55.Шарикони рушд ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар таъмини маблағгузорӣ ҷиҳати омӯзиши стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами соҳа, ташкили курсҳо ва тренингҳои касбӣ мусоидат мекунанд.

56. Манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ маблағҳои ташкилот ва фондҳои байналмилалӣ, корхонаву ширкатҳои хусусӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳо буда метавонанд.

## 9. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ СТРАТЕГИЯ

57. Мониторинг ва арзёбии Стратегия аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

58. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Стратегия тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

59. Ҳангоми гузаронидани мониторинг ва арзёбии Стратегия Вазорат намояндагони вазорату идораҳо ва шарикони рушдро ҷалб мекунад.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

60. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар ташкилотҳои давлатӣ барои амалисозии Стратегия масъул мебошанд.

61. Дар амалисозии Стратегия ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҷалб карда мешаванд.

62. Вазорат ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотро оид ба амалисозии Стратегия пешниҳод менамояд.

Ниг. ба Замима

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 сентябри соли 2025, № 516

**Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Стратегияи рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар солҳои 2026-2030**

Ниг. ба Замима